# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шамсудинова Маҳтовбӣ Абдуалимовна дар мавзуи “Ҷанбаҳои назариявии ономастикаи осори бадеӣ (дар мисоли осори Аҳмади Дониш”**

Таҳқиқи ономастикаи осори бадеӣ яке аз масъалаҳои муҳимми номшиносӣ ба ҳисоб меравад. Омӯзиши масъалаи мазкур барои забоншиносӣ ва ҳам адабиётшиносӣ аҳамияти калон дошта, дар кушодани ҷанбаҳои бадеӣ ва маърифатии осори бадеӣ аҳамияти калон дорад. Номҳои хос дар баробари дигар воҳидҳои луғавӣ ҷузъи муҳимми забони осори бадеӣ ба шумор рафта, дар ифодаи ғоя ва мазмуни асари бадеӣ нақши калон доранд. Аз ин рӯ, таҳқиқи илмии ономастикаи бадеӣ солҳои охир ривоҷ ёфта дар забоншиносии тоҷик низ оид ба ин масъала асару мақолаҳо чоп шудаанд. Диссертатсияи мазкур ба таҳқиқи ономастикаи осори яке аз намоёнтарин намояндаи адабиёти тоҷик дар қарни XIX Аҳмади Дониш бахшида шудааст Осори ин нобиғаи бузурги адабиёт масоили гуногуни фалсафӣ ва таърихию ахлоқиро инъикос намудааст ва забони осори ӯ қабатҳои гуногуни луғавӣ, аз ҷумла истилоҳоти бахшҳои зиёди илмии замонашро инъикос намудааст. Бинобар ин, мавзуи диссертатсияи мазкур мубрам ва қобили таҳқиқу баррасии илмӣ мебошад.

Диссертатсия дар асоси маводи фаровони забонию илмӣ таълиф ёфта, аҳамияти илмӣ ва назариявӣ дорад. Сохтор, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқотии диссертатсия мантиқан бо ҳамдигар алоқаманд буда, баҳсҳои назариявӣ бо мисолҳои забонӣ тақвият дода шудаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 16 зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Боби аввали диссертатсия ба таҳлили назариявии номшиносии осори бадеӣ бахшида шудааст. Дар ин боб масъалаҳои назариявӣ ва амалии номшиносии осори бадеӣ, аз он ҷумла, гидронимия, оронимия, антропонимия, астронимия ва космонимияи осори Аҳмади Дониш

мавриди таҳлилу баррасӣқарор гирифтааст. Муаллиф кушиш ба харҷ додааст, ки ба ҷанбаҳои назариявии ономастика дар мисоли осори Аҳмади Дониш ва мавқеи истифодабарии номҳоро дар асосҳои назариявии асарҳои илмӣ шарҳу тавзеҳ диҳад.

Дар боби дуюми кор оид ба «Қабатҳои забонии номвожаҳои осори Аҳмади Дониш» сухан рафта, номҳои хоси форсӣ-тоҷикӣ, арабӣ, туркӣ, русӣ ва дигар номҳои аврупоии осори Аҳмади Донишро баррасӣ кардааст. Муаллиф дар ин қисмат маънои луғавии номҳоро пешниход намуда, ҳамзамон мансубияти забонии воҳидҳои ономастикаи осори шоирро тавсиф намудааст.Хуб мешуд, агар дар ин боб оид ба тағйири шакли номҳои русӣ ва аврупоӣ маълумот дода мешуд.

Боби сеюми диссертатсия «Таҳлили сохтории ономастикаи осори Аҳмади Дониш» унвон дошта, аз лиҳози сохтор дар такя ба таснифоти муҳаққиқони соҳа номвожаҳоро гурӯҳбандӣ намудааст. Дар диссертатсия номҳои сода, сохта мураккаб ва номҳо – ибораҳо таҳлил шудаанд. Анҷома ва вандҳои номсоз дар таркиби антропонимҳо ва топонимҳо таҳлил шудаанд.

Дар хулоса диссертант натиҷаи пажуҳишро дар чанд банд натиҷагирӣ намудааст. Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқ дар 9 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Фишурдаи диссертатсия тибқи қоидаҳои муайяншуда таҳия гардидааст.

Дар баробари ин чанде аз камбудиҳоро ёдрас намоем, ки ислоҳи чунин камбудиҳо барои беҳтар гардидани арзиши илмии рисола мусоидат мекунад.

1. Истилоҳи “астропотопонимия,” ки нисбати номи ҷирмҳои кайҳонӣ корбаст шудааст, бемавқеъ истифода шудааст. Ҷирмҳои кайҳонӣ ва осмонӣ маъмулан бо истилоҳоҳои “астронимия” ва “космонимия” ифода меёбанд.

2. Агар номҳои антропонимӣ аз ҷиҳати мақоми иҷтимоӣ ва вазифаи таърихӣ ва номҳои топонимӣ аз рӯйи мавқеияти ҷуғрофӣ тасниф мешуданд, инчунин дар бораи тағйирёбии шаклии номҳои хориҷӣ дар осори нависанда маълумот мешуд, манзараи баррасии ономастикаи осори Аҳмади Донишро боз ҳам вусъат меёфт.
3. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд.

Камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмию назариявии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Таҳқиқоти пешниҳодшуда дорои навгонии илмӣ, ҷанбаи назариявию илмӣ мебошад. Диссертатсияи Шамсудинова М.А. дар мавзуи “Ҷанбаҳои назариявии ономастикаи бадеӣ (дар мисоли насри Аҳмади Дониш)” кори мукаммали анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 - Назарияи забон мебошад.

Доктори илмҳои филологӣ,
сарходими илмии шуъбаи забонҳои
помирии Институти илмҳои гуманитарии
ба номи Б.Искандарови Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон Н. Офаридаев

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Мухтори Кӯҳистони
Бадахшон, шаҳри Хоруғ,
Кӯчаи У. Холдоров, 4,
тел.: (992) 939314032, (992) 919261406,
Email: ofarida_n@mail.ru

Имзои профессор Н. Офаридаевро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Институти
илмҳои гуманитарии АМИТ Н.Едарбекова
18.01.2023.